

Расми 1.



Расми 2.

# ДАРСИ 17

## ТАСВИР АЗ АСЛ (ЧОЙНИК ВА ПИЁЛА)

Тасвирро аз нуқта ва хатҳои ёрирасон, ки ба шакли умумии ашё мувофиқ аст, оғоз намоед. Расмро дар шакли умумиаш ва қисмҳои ҷудогонаи онро бо хатҳои фарқшаванда дар рӯйи коғаз тасвир кунед. Хатҳои кашида бояд аз ҷиҳати ҳаракату таносуби фазо фарқ кунанд. Ба расм нигоҳ карда,



Расми 1.



Расми 2.

рангҳоро тавре омезиш диҳед, ки нишебию баландӣ ва шакли фарқшаванда дар он намоён гардад. Тобиши аслии рангҳоро вобаста ба дурахшонӣ ва торикии рангҳо тавре ба қалам диҳед, ки ҳамбастагии тобиши фазоии рангҳо намоён гардад. Барои ҷозибанок намудани расм онро бори дигар санҷед ва кӯшиш намоед, ки сояи тасвир намудаатон дар ҳамворӣ назаррас бошад (ба расмҳои 1, 2 нигаред).

## ДАРСИ 18

## ТАСВИР АЗ АСЛ (АСБОБҲОИ ДУРЕДГАРӢ)

Аввал шакли аслии асбобро бо хатҳои борик дар коғаз кашед, ки ба асл монанд бошад. Ба ҷойгиршавӣ ва фарқияти шакли аслии тарафҳо, ростӣ ва хамшавии хатҳо, ҳамбастагии қисмҳои ҷудогонаи асбоб аҳамият диҳед.

Чунин тарзи санҷиш имкониятҳои эҷодии шуморо ҳаматарафа ғанӣ мегардонад. Ҳангоми бо ранг кор кардан кӯшиш намоед, ки дар унсурҳои тасвир гуногунӣ ва мувозинати рангҳо мақсади асарро равшан ифода кунанд. Ҷузъҳои дигари



Расми 1.

расм бояд мувофиқи рангҳо интихоб гарданд ва ҷисмҳои дуру наздикро фаро гиранд. Тобиш ва ҳамбастагии рангҳоро, чи тавре ки мебинед ва ҳис менамоед, ҳамон тавр тасвир намоед.

Кӯшиш кунед, ки дар самти торикию рӯшноӣ шакли асбоб фарқ намояд ва дар расм назаррас гардад (ба расми 1 нигаред).

## ДАР ВАҚТИ ХОЛӢ

Ҳангоми фароғат ба шумо сохтани пайкараи паррандагонро пешниҳод менамоем. Тасвири паррандагон аз дарси гузашта дар хотиратон ҳаст. Ҳангоми сохтани сохти парранда аз гилу пластилин, коғазҳои гуногун ва ҷисмҳои





табиӣ истифода баред. Барои устувор сохтани пайкара дар навбати аввал сим ва ё шохчаи хушкшудаи дарахтро бо ҳам мувофиқи шакли бадани парранда пайваст кунед. Сипас гил ё пластилинро аз болои он тарзе часпонед, ки бадани парранда намудор гардад. Баъд қисмҳои ҷудогонаи он — сар, гардан, парҳо ва пойҳоро ба тан часпонед. Бо белчаи махсус, ё ки бо кафи даст ва ангуштон қисмҳои пайвасташударо ҳамвор намоед, то ки узвҳои алоҳидаи часпонида бо бадан ҳамбастагии аслиро ба вуҷуд оранд.

Сохтани пайкараҳои паррандаҳо шавқангез аст. Хоҳед, ки амали шумо мароқовар бошад, метавонед аз коғази ранга ё бо рангҳо қисмҳои ҷудогонаи пайкараро ороиш диҳед.

## ДАРСИ 19

## ГИЛКОРӢ ДАР МАВЗӮИ ВАРЗИШ

Ҳар яки мо дар айёми мактабхонӣ ба бозиҳои баскетбол, волейбол, футбол, гимнастика, акробатика ва ғайраҳо машғул мешавем. Тавассути қобилияти фикрӣ, хаёлот, тамошои бозиҳои варзишӣ ё муҷассамаҳои тайёр композитсияи бою рангинро эҷод намоед, ки қисмҳои фарқшавандаи бозиҳои варзишӣ тасвир ёбанд. Дар навбати аввал

бадани муҷассамаро аз сими мулоим, ё ки шохчаи дарахт ба монанди асл созед. Баъд ба гилкорӣ шурӯъ намоед. Қисмҳои ҷудогонаро аз рӯйи тасаввурот эҷодкорона созед. Кӯшиш намоед, ки ҳаракат, таносуби бадан, қаду қомат ва мушакҳои пайкараи варзишгар мароқовар бошад.

Баъд он қисмҳоро аз гил ба бадан пайваст намуда, онҳоро бо ангушт ва кафи даст ҳамвор намоед, то ки ба шакли асосӣ умумият дошта бошанд. Амали иҷрошударо бори дигар санҷед ва норасоиҳоро бартараф кунед. Супоришро аз рӯйи муҷассамаҳо иҷро намоед (ба расми 1 нигаред).



Расми 1.

# ДАРСИ 20

## ОРОИШИ НАҚШУ НИГОРИ ЛИБОСИ ИДОНА

Нақшу нигор яке аз зеботарин амалҳои ороиши либос мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як ҳунарманд кӯшиш менамояд, ки тамоми банду басти ороишро зебою рангин эҷод намояд.

Либосҳои идона бо нигораҳои гуногуни халқӣ, акси гулу растаниҳо ороиш дода мешаванд. Барои мароқовар эҷод намудани тарзи ороиши нақшу нигор бо ҳунарҳои халқии ноҳияҳои гуногуни Ҷумҳурӣ шинос шавед. Сирру асрор ва нозукиҳои эҷодкориро омӯзед. Кӯшиш намоед, ки мустақилона эҷод кунед. Бояд нақшу нигоратон бою рангин ва бо нақшҳои миллӣ мувофиқ бошанд. Нақшу нигорро бо рангҳое ороиш диҳед, ки онҳо равшану зебо ба назар расанд (ба расмҳои 1, 2 нигаред).



Расми 1.





Расми 2.

# ДАРСИ 21

## ЭҶОДКОРӢ ДАР МАВЗӮИ КАЙҲОН

Мавзӯи кайҳон хеле шавқовар аст. Тасвири он аз шахс хаёлоти бой, қобилияти фикрӣ, эҳсосу завқи ҷӯяндагиро талаб мекунад. Расмро тарзе бо қалам диҳед, ки композитсия аз ҳама ҷиҳат пурмазмун барояд. Вай бояд бо хатҳои нафис эҷодкорона акс ёбад. Баъд расмро бо рангҳои гуногун ва риоя кардани таносуби онҳо оро диҳед. Бо усули омехта намудан рангҳои мухталифи даркориро пайдо намоед. Ҳангоми ба инобат гирифтани тасвири рӯшноӣ, ки шакл ва ҳолатро пурра ифода менамояд, кӯшиш кунед, ки таносуби рангҳо ба амал ояд. Ба тобиши баландию пастӣ ва ҷойгиршавии ашёҳои дуру наздик диққат диҳед. Агар зарур бошад, ранги баланди ашёҳои асосии наздикро такроран ранг кунед.



Расми 1.

# ДАРСИ 22

## АЗ ГИЛ СОХТАНИ ПАЙКАРАИ ҲАЙВОНОТ

Ин мавзӯъ барои шумо душвор бошад ҳам, аз баъзе ҷиҳатҳо шавқовар аст. Дар бораи олами ҳайвонот ва шикорчиён аз мӯйсафедон нақлу ҳикояҳои аҷоиберо шунидаед ё аз оинаи нилгун олами ҳайвонотро тамошо кардаед. Пеш аз сохтани ҳайкали ягон намуди ҳайвонот дар бораи ҷойгиршавии узвҳо ва мушакҳои он маълумот доштан зарур аст.

Барои аниқ муайян кардани ҳаракату пайвастшавии узвҳои бадан ва қисмҳои ҷудогонаи он омӯзишу гузаронидани корҳои амалӣ ба шумо ҳаматарафа ёрӣ мерасонад. Аз ин рӯ, барои дуруст ва аниқ тасвир намудани ҳайвонот аз расмҳои рассомони анималист истифода баред.

Барои мустаҳкам нигоҳ доштани ҳайкал пояи чӯбин сохтан лозим аст. Мувофиқи шакли ҳайвон аввал баданро гилкорӣ намуда, баъд қисмҳои дигарро мувофиқи андоза, ҳаракати сару гардан ва пойҳоро алоҳида созед ва ба ба-



Расми 1.



Расми 2.



Расми 3.

дан тарзе часпонед, ки алоқамандии умумӣ дошта бошанд. Ба ҳаракатҳои фарқшавандаи сар, гардан, бадан, пойҳо ва таносуби баробарии қисмҳои ҷудогонаи он диққат диҳед.

Баъд бо ангуштону кафи даст, ё ки белчаи корӣ гилро ҳамвор кунед ва қисмҳои майдаи бадан: рӯй, чашм, лаб, ҷоғ, зону, гарданро гилкорӣ намоед. Тасвирро аз ҳар ҷиҳат бори дигар санҷед. Кӯшиш намоед, ки он эҷодкорона ва шавқовар ба анҷом расад.

## ДАРСИ 23
## КОМПОЗИТСИЯ ДАР МАВЗӮИ АРТИШИ МИЛЛӢ

Дар мавзӯи номбаршуда расмҳои гуногунро кашидаед. Хаёлан тасвирро ба хотир оред, пешакӣ мақсад гузоред, ки дар расм кадом қисмҳои алоҳидаи артишро ба қалам медиҳед (десанти ҳавоӣ, чархбол, парашут, ракета ва ғайраҳо). Кӯшиш намоед, ки тасвир дар ҳолатҳои гуногун назаррас гардад. Расмро аз шакли умумӣ оғоз намуда, қисмҳои алоҳидаро бо ҳам пайваст намоед.

Барои мисол мавзӯи парвози чархбол, парашутҳои гуногун дар фазо, ракетаю танкҳо дар масофаҳои дуру наздик ва манзараи табиатро тавсия менамоем. Шумо метавонед амалро бо таври дигар, чӣ тавре ки худатон интихоб кардед, иҷро намоед. Тобиши дурахши рангҳои равшан ва таносуби



онҳоро ба инобат гиред. Тасвирро эҷодкорона бо рангҳои дилпазир тавре ранг намоед, ки дурию наздикӣ ва ҳаракати ҷисмҳо ба тарафи муайян намудор бошанд.

## ДАРСИ 24

## СОХТАНИ МУҶАССАМА АЗ ГИЛ

Тасвири одам дар гилкорӣ қобилияти баландро талаб мекунад. Барои иҷрои ин кор рассом бояд аз анатомия хуб бохабар бошад ва аз қонунҳои конструктивӣ тасаввуроти хуб дошта бошад. Пеш аз сохтани пайкараи инсон бояд таносуби бадан, либос ва мавзунии қаду қомати онро ба ҳисоб



Расми 1.



Расми 2.



Расми 3.

гирифт. Барои зебою мароқовар сохтани пайкараи одам аз гил кӯшиш намудан лозим аст, ки он дар ҳолатҳои гуногун, дар шакли тахминӣ ва эҷодкорона сохта шавад (ба расмҳои 1, 2, 3 нигаред).

Пас аз сохтани қисми асосӣ, баъд пойҳо, бадан, гардан, китф, сар, дастҳо ва дигар қисмҳои ҷудогонаро сохта ба бадан часпонидан лозим аст. Баъди тайёр намудани пайкара онро ба латтаи тар печонда, намнок нигоҳ доштан зарур аст.

## ДАРСИ 25

## МУҶАССАМСОЗӢ ВА ТАРРОҲӢ ДАР ОРОИШИ БАДЕЙ

Ҳангоми муҷассамаро тарроҳӣ намудан аз маводҳои гуногуни табиӣ — гилу коғаз, чӯб ва дигар ашёҳо истифода мебаранд. Аз гил шакли муҷассамаҳои гуногунро хеле зебою рангин сохтан мумкин аст. Муҷассамаро асосан аз гили кулолӣ месозанд. Гили кулолӣ ранги сурхи қаҳватоб дорад ва аз он сохтан ва ороиш додани муҷассама муфид аст. Бояд кӯшиш намуд, ки гил дар ҳамаи ҳолатҳо намнок нигоҳ дошта

шавад, чунки гил обро ба худ мекашад ва дар ҳолати нам набудан хушк мешавад.

Барои ҳамин гилро ҳамеша дар халтачаҳои селофанӣ ё дар матои намнок нигоҳ медоранд. Гузаштагони мо гилро барои корҳои ороиши биноҳо истифода мебурданд. Чунин тарзи ороиши нақшу нигорро дар зарфҳои кулолӣ ва иморатҳои қадима дидан мумкин аст. Нақшҳои ороишӣ номҳои зиёд доранд. Масалан, нақши гулмоҳӣ, нақши шер, нақши паррандаҳо ва ғайра. Мардуми мо ба туфайли завқу маҳорати баланди эҷодӣ ва таҳаюли бойи худ нақшҳои нав ба нав офарида, асарҳои нотакрор эҷод менамоянд (ба расмҳои 1, 2 нигаред).

Аз гузаштагон ба мо мероси гаронбаҳое дар эҷоди асарҳои бадеӣ боқӣ мондааст. Мардуми мо ҳамеша чунин ҳунари волои хубро ба фарзандону шогирдон меомӯзонанд ва анъанаҳои халқиро риоя мекунанд.



Расми 1.



Расми 2.

Барои тарроҳӣ ва ороиши бадеии муҷассама аз чунин маводҳои табиӣ, монанди реша ва шохаҳои хушки дарахтон истифода намудан мумкин аст. Дар бисёр мавридҳо коғазро ҳамчун маводи беҳтарин ва оддитарин барои тарроҳӣ истифода мебаранд.

## ДАРСИ 26
## КУЛОЛГАРӢ

Агар ба таърихи кулолгарӣ назар андозем, ин ҳунари воло таърихи бою рангин дорад. Ҳунармандони моҳири халқӣ асрори амали худ, анъанаҳои гузаштагонашонро тӯли ҳазорсолаҳо аз насл ба насл мерос гузошта, ҳунари кулол-

гариро ба дараҷаи баланди инкишоф расондаанд. Ҳунармандон бо нақшу нигорҳои гуногун ҳар як асбоби рӯзгорро ороиш медоданд.

Дар мавриди сохтани кӯза, табақ, пиёла ва чойник аз гили якхелаи ғафс истифода мебаранд. Онро аз сохтани шакли умумии ашё оғоз мекунанд. Баъд қисмҳои ҷудогонаи онро ба шакл мувофиқ намуда пайваст мекунанд ва бо ангушт ва кафи даст онро ҳамвор менамоянд, то ки бо шакли умумии ҷисм монандӣ дошта бошад.

Баъди ба охир расонидани кор фарқияти тарафҳои онро бодиққат санҷида, норасоиҳоро бо гили илова ислоҳ кардан лозим аст. Сипас ба ороиши чизи сохташуда шурӯъ мекунем. Баъди хушконидан агар хоҳед, ки ҷисми сохтаатон аз ҳар ҷиҳат зебо бошад, дар печкаи барқӣ, ё ки хумдони махсус онро пухтан лозим меояд (ба расми 1 нигаред).





Расми 1.

# ДАСРИ 27

## ШАКЛСОЗӢ (МОДЕЛ) ВА ОРОИШИ ОН

Сохтани шакли ин ё он ҷисм яке аз машғулиятҳои дӯстдоштаи мактабиён аст. Ин аст, ки хонандагон дар маҳфилҳои шаклсозии мактабҳо ва муассисаҳои берун аз мактабӣ фаъолона иштирок мекунанд. Чунин маҳфилҳо зинаи аввали мошинасозӣ аст. Ҳар як хонанда аз айёми мактабхонӣ дар дил орзу мепарварад, ки ҳамчун шахси эҷодкор ба камол расад. Хотиррасон менамоем, ки моделҳои гуногунро аввал аз коғаз, картон ва фанер сохтан мумкин аст.

Агар хоҳед, ки моделҳои замонавии зебо эҷод намоед, бояд саъйю кӯшиш кунед ва аз ҳунари моделсозон нозукиҳои эҷодкориро омӯзед. Ба туфайли завқу маҳорат, ҳавасмандии зиёд моделҳои нав ба нав сохтан мумкин аст. Барои он ки модели сохтаатон, сифатнок ва зебо бошад, аз рӯйи тасав-



Расми 1.



Расми 2.

вурот ва хаёлоти эҷодӣ онро аввал ҳамчун нусха дар рӯйи қоғаз тасвир кардан лозим аст. Баъд қисмҳои ҷудогонаи онро дар дастгоҳҳо тайёр кардан беҳтар аст. Кӯшиш намоед, ки модел аз ҷиҳати шаклу намуд, тарзи ҷо ба ҷогузории қисмҳои ҷудогона ва ороиш зебою рангин сохта шавад. Чунин тарзи кор имкон медиҳад, ки дар оянда моделҳои гуногун созед ва дар мусобиқаҳо иштирок намоед.

# ДАРСИ 28

## ЭҶОДКОРӢ ДАР МАВЗӮИ МОҲИГИРӢ

Мавзӯи моҳигирӣ ҳарчанд душвор бошад ҳам, бисёр шавқовар аст. Тавассути нақлу ҳикояҳои калонсолон, тамошои филмҳо ва сайру гашти соҳили дарё аввал ба амалиёти моҳигирон шинос шудан лозим аст. Дар оғози тасвир мувофиқи дидаю шунида, аз тасаввуроту хаёлот, истифода баред, то ки тасвиратон пурмазмун ва дилчасп бароянд. Тас-



Расми 1.



Расми 2.

вирро ба ҳаракатҳои гуногун ва хатҳои тахминӣ сар намоед ва агар ягон чизи нав ва аҷоиб дар хаёлатон пайдо шавад ба расм илова намоед. Сипас, ба тасвири ҳаракат, шакл, ҳаҷми фарқшавандаи ҷисм диққат диҳед.

Амалро аз нуқтаи асосии тасвир шурӯъ намоед. Ба хусусиятҳои рангҳои фарқшаванда, ки тобишро дар тасвир пурнур мегардонанд, диққат диҳед. Акси дурахшони мавҷи об, ҷиҳатҳои эстетикии табиати рангини гирду атроф, зебоии мавҷи дарё, ҳаракатҳои моҳиҳо дар оби равон бояд бо завқи баланди эҷодӣ тасвир ёбанд.

## ДАР ВАҚТИ ХОЛӢ

Дар вақти холӣ ба шумо сохтани муҷассамаҳои гуногунро пешниҳод менамоем.

Муҷассамаҳо аз санг, чӯб, оҳан ва ғайра сохта мешаванд, инчунин онҳоро бо усулҳои тарошидан, нақш кандан ва ба қолиб рехтан низ офаридан мумкин аст.

Муҷассама асосан гирд мешавад ва онро аз ҳар тараф равшан дидан мумкин аст. Ғайр аз муҷассамаҳои гирд боз муҷассамаҳи борелефӣ ва горелефӣ низ мешаванд.

Борелеф нақшест, ки аз ҳаҷми худ нисбатан хурдтар мебошад. Онро дар лавҳаҳои ёдгорӣ дидан мумкин аст. Горелеф — нақшест, ки аз ҳаҷми худ нисбатан калонтар мебошад. Онро дар ороиши иморатҳо ва зарфҳои гуногун истифода мебаранд.

Тасвири нақши ороишӣ аз замонҳои қадим вуҷуд дорад. Чунин тарзи ороиш дар иншооти меъморӣ истифода шуда, он аз ҳаёт ва фаъолияти эҷодии одамон нақл мекунад. Муҷассамаҳои ороиши рӯйи девор, осори рӯйи сангҳо, ки одамон дар давраҳои гуногун эҷод кардаанд, дар натиҷаи кофтуковҳои бостоншиносӣ дастрас шудаанд. Ҳамаи иншоотҳое, ки то давраи мо омада расидаанд, аз ҳунари волои аҷдодони мо шаҳодат медиҳанд.

Тасвирҳои нақши барҷаста дар ороиши биноҳои гуногун таҷассум шудаанд, ки онҳо аз ҳаёту зиндагии гузаштагони мо нақл мекунанд (ба расми 1 нигаред).



Расми 2.

Барои пос доштани хотираи одамони машҳур ва шахсони бузург, қаҳрамонон ҳайкалу муҷассамаҳои гуногун мегузоранд. Дар пойтахти ҷумҳурии мо — шаҳри Душанбе ҳайкалҳо ва муҷассамаҳои мутафаккирони бузург Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Фирдавсӣ, С. Айнӣ, Умари Хайём, Б. Ғафуров, Қаҳрамонони Ҷанги Бузурги Ватанӣ гузошта шудаанд.

# ДАРСИ 29

## ТАСВИРИ МАНЗАРАИ БАҲОР

Баҳор фасли дилафрӯзи сол аст. Табиати рангин дар ин давра аз нав сабзу хуррам мегардад. Баҳор айёми шукуфтани гулҳо аз оғози кишту кор аст. Дар фасли баҳор шумо барои тамошо ва чидани гулҳо ба талу теппаҳо меравед. Ба манзараи гирду атроф ба таври шоирона назар дӯзед мебинед, ки дашту саҳро гулрез аст.

Диққати шуморо сабзазор, кӯҳҳову теппаҳо, даштҳои сарсабзу хуррам ва парвози паррандаҳои хушхон ба худ ҷалб мекунанд (ба расмҳои 1, 2 нигаред).



Расми 1.



Расми 2.

Аз чунин манзараи зебои баҳор илҳом гирифта, ба тасвир намудани он шурӯъ кунед. Шояд ба шумо эҳсоси зебопарастӣ, табиати рангин имкон диҳад, ки чизи хубе эҷод намоед.

## ДАРСИ 30

## ТАСВИРИ ГУЛҲОИ БАҲОРӢ

Тасвири гулҳо мавзӯи дӯстдоштаи мактабиён аст. Ҳангоми тасвири гулҳои баҳорӣ кӯшиш кунед, ки амал дар заминаи манзараи табиати рангини баҳори кӯҳсор ба қалам дода шавад. Тарзи ҷойгиршавии шохчаҳо, баргҳо ва гулҳои онро ба таври ҷиддӣ аз назар гузаронед ва баъд таносуби бару дарозии онро муайян кунед. Ҳаҷми қисмҳои калонро бо қисмҳои хурди ҷисмҳо муқоиса карда, фарқияти онҳоро бори дигар муайян намоед. Ҳаракат кунед, ки ҳолати аслии ҷисми тасвиршударо дарк кунед ва ёбед.



Расми 1.



Расми 2.

Ҳангоми иҷро намудани кор (бо ранг) кӯшиш кардан лозим аст, ки тобиш ва ҳамбастагии рангҳо намудор гарданд. Унсурҳои дигари расм бояд мувофиқи рангҳо интихоб карда шаванд. Барои нигоҳ доштани зебоии аслӣ, дурахшонӣ ва торикии рангҳои гулу баргҳоро дилпазирона тасвир намоед (ба расмҳои 1, 2 нигаред).

# ДАРСИ 31

## ТАСВИРИ МАНЗАРАИ КӮҲСОР

Манзараҳои табиати назарраборо дар кӯҳистон ҳангоми сайру гашт бодиққат тамошо кунед. Кӯшиш кунед, ки лаҳзаҳои зеботарини манзараҳои зебою дилчасп дар хотиратон нақш бандад. Барои тасвири яке аз манзараҳои дилангез ҷоеро бояд интихоб кард, ки ҳам аз ҷиҳати шаклу намуд, ҳам аз ҷиҳати композитсия ва ҳамбастагии рангҳо ба талабот ҷавобгӯ бошад. Ҳангоми тасвири манзара фарқияти ашёҳои дуру наздикро ба инобат гиред. Чи қадаре ки ашё дур бошад, ҳамон қадар дар расм хурд тасвир мешавад. Сипас, бо рангҳои равшан ва мувофиқ онро тавре пардоз диҳед, ки манзараи офтобӣ ва фазоии самти рӯшноӣ ва торикӣ дар тасвир пурра таҷассум ёбад. Кӯшиш намоед, ки рангҳои гуногун мувофиқи тобиш ва дурахшонии ҳолатҳои



Расми 1.



Расми 2.

дуру наздик тасвир гардад. Ранги замину растанӣ, роҳу дарёча ва осмону кӯҳҳо вобаста ба дурию наздикии тасвир ба ҳам мутаносиб бошанд.

# ДАРСИ 32

## ТАСВИРИ КӮЗА ВА ГУЛ

Акси расмро дар рӯйи коғаз ба таври амудӣ ба қалам диҳед. Ҷойгиршавӣ, ҷузъҳои фарқкунандаи кӯза ва хамшавии навдаи гул дар расм ҳамаҷониба рангину мароқовар тасвир ёбад. Баъд рангҳои мувофиқро дар рангомез омехта намуда, бо мӯқалам онро пардоз диҳед.

Рангҳои кӯза ва гулро тунук омехта намуда молед, то ки шаффоф ва равшан ба назари бинанда расад.



Расми 1.

# ДАРСИ 33

## СӮҲБАТ ДАР МАВЗӮИ САНЪАТИ МЕЪМОРӢ

Санъати меъмории халқи тоҷик таърихи чандинасра дошта, асарҳои пурарзишу нодиреро ба оламиён мерос гузоштааст. Аввалин намунаҳои осори меъмории тоҷикон ба давраи неолит — асрҳои 6-3 мелодӣ рост меоянд. Аз маҳаллҳои Помири шарқӣ расмҳои рӯйи девории давраи аввали неолит ёфт шудаанд.

Дар асри IV (то мелод) Искандари Мақдунӣ Осиёи Миёнаро ба ҳайати империяи худ дохил карда буд. Дар ин давра як қатор шаҳрҳое, ки деворҳои мустаҳкам доштанд, монанди Самарқанд, Истаравшан пайдо гардидаанд, ки ҳар яки он гувоҳи санъати баланди бинокорӣ буда, мувофиқи нақшаи махсус сохта шудаанд. Махсусан, нуфузи элинизми

шарқӣ афзуда, ба санъати меъмории Осиёи Миёна ва вусъати шаҳрсозиву бинносозӣ таъсири аниқ гузоштааст.

Дар ин давра унсурҳои меъмории Юнону Рим зери таъсири анъанаҳои меъмории Шарқ мондаанд, ки онҳо имрӯз низ қимати худро гум накарданд. Намунаи онро мо дар қалъаҳои Тахти Сангин, Қаҳ-Қаҳ, Ямчун, Абрешим мушоҳида карда метавонем.

Дар асри X (дар Осиёи Миёна) давлати Сомониён ҳамчун давлати мутамаркази тоҷикон ташкил ёфт. Дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ пешравиҳо эҳсос карда мешуданд.Махусусан маданияти шаҳрсозӣ хеле тараққӣ кард. Шаҳрҳо ба марказҳои калони меъморӣ, тиҷоратию ҳунармандӣ мубаддал гаштанд. Баробари ин дар санъати меъмории замони Сомониён як қатор ҷиҳатҳои нав ба назар мерасад, ки онҳо аз инкишофи минбаъдаи санъати бинносозӣ шаҳодат



Расми 1.

медиҳанд. Дар бинокории ороишӣ-монументалии ин давра хишти пухта беш аз беш аҳамият пайдо мекунад.

Тарзи ороиши гаҷкорӣ хеле тараққӣ кард, ки ба он мақбараи Сомониён мисол шуда метавонад. Мақбараи Сомониён қуллаи баланди санъати муҳандисию бинососии замони худ ба шумор рафта, аз комёбиҳои беназири санъати баланди халқи тоҷик дар замони Сомониён дарак медиҳад.

Дар ин замон биноҳои калону зебо ва ҳашаматнок бо ороиши монументалӣ сохта шудаанд. Аз ёдгориҳои санъати меъмории ин замон мадрасаи машҳури Бибихоним дар Самарқанд, масҷиди Абдуллатиф дар Истаравшан, мақбараи Мирсаид Алии Ҳамадонӣ дар Кӯлоб, Махдуми Аъзам дар Ҳисор ва ғайра ҷолиби диққатанд.



Расми 2.

# ДАРСИ 34
## ЧЕҲРАИ ДӮСТОН

Дар расм бо нозукии махсус ҷаҳони ботинӣ ва маънавӣ, зебоии аслии инсон нишон дода мешавад. Чунин зебоии аслиро маҳз рассомони мӯъҷизакор бо эҳсосоти баланд тасвир менамоянд. Пеш аз кашидани расми яке аз дӯстон бо портретҳои эҷод кардаи рассомон шинос шавед, зеро ин кор ба шумо ёрии амалӣ мерасонад. Чеҳраи ҳар одам хусусиятҳои хоси худро дорад, бинобар ин мо онро дар хотир нигоҳ медорем ва фаромӯш намекунем. Аз ин рӯ, чеҳраи шахс ҷаҳони ботинӣ ва шахсияти ӯро ифода мекунад.

Расм бояд аз ҷойгир намудани хатҳои асосӣ, ки ба шакли умумӣ мувофиқ аст, оғоз ёбад. Азбаски рӯйи одам аз қисмҳои гуногун иборат аст, тасвир бояд аз хатҳои борик, ки қисмҳои ҷудогонаро бо ҳам пайваст менамояд, оғоз гардад. Дар расм ҳаракат, қонуниятҳои фарқшаванда ва таносуби баробариро бояд ба назар гирем. Кашидани расмро аз шакли умумӣ оғоз карда, баъд бо қисмҳои ҷудогона: гӯш, чашм, бинӣ, қош, даҳон шурӯъ намоем.

Аввал якчанд расмҳои дӯстону шиносҳоямонро тасвир мекунем. Расм тарзе тасвир гардад, ки ҷаҳони ботинии одамон ва эҳсосоти баланди эҷодкорӣ намудор бошад.







Дар қисмҳои ҷудогона ранги торикро эҳтиёткорона ва кам-кам барои баъзе ҷузъҳои фарқшаванда истифода бурдан лозим аст.

Вобаста ба мавзӯъ шумо метавонед расми одамонро дар ҳолатҳои роҳ гаштан, ё ин ки дар мавриди сӯҳбат бо ягон кас тасвир намоед.

Баъди бо хатҳои борик кашидани шакли умумӣ мувофиқи ранги либосҳо, ки тобишҳои гуногун доранд, рангҳоро истифода баред. Кӯшиш намоед, ки зебоӣ ва нафосату хусусиятҳои тозагии рангҳо намудор бошанд.

## ДАР ВАҚТИ ХОЛӢ

Дар мактаб ба ороиши рӯзномаҳои деворӣ бахшида ба идҳои соли нав, Наврӯз ва ғайра машғул мешавед.

Ҳангоми ороиши рӯзномаҳои деворӣ, албатта, тасвирҳои гуногунро бо рангҳо иҷро мекунед. Медонед, ки зебоӣ ва нафосати тасвир ба дурахшонии таносуби рангҳо вобаста аст. Ҳангоми бо ранг кор кардан кӯшиш ба харҷ диҳед, ки шаффофии рангҳо ва тобишу хосияти тозагии онҳо дар ороиш намудор шаванд. Расм, алалхусус бандубасти он аз маҳорату эҷодкорию рангшиносии шумо вобаста аст. Барои ҳамин дар коғази ҳаҷман хурд тасвири пешакии ороишро санҷед. Сипас маводҳоро ҷо ба ҷо гузошта, сарлавҳаҳоро нависед ва ҷойҳои холии атрофро бо нақшунигор ороиш диҳед.

Расмҳои ороишӣ аз ҷиҳати ҳаҷм ва дурахшонии рангҳо бояд назаррас бошанд (ба расмҳои 1, 2, 3 нигаред.




Расми 1.




Расми 2.




Расми 3.

# МАВҚЕИ КОМПОЗИТСИЯ ДАР РАСМКАШӢ

Ҳангоми кашидани ҳар як расм дар ҳамворӣ қоидаҳои умумии композитсия мавҷуданд. Композитсия ин тарзи ҷо баҷогузории расм (тасвир) дар рӯйи варақ, матоъ ва ғайра мебошад.

Ҳангоми кашидани расм он тавре ҷобаҷо гузошта шавад, ки тасвир дар рӯйи варақ шинам намояд. Барои тасвир кардани ҷисмҳои дар замин ё фарш буда, онҳоро чунон бояд ҷобаҷо гузошт, ки дар поёни варақ назар ба боло ҷойи холӣ камтар монад. Агар дар расм ҳаҷми ҳамаи ашё як хел бошад, чунин тасвир ба чашм зебо наменамояд.



1



2



3



4



5



6

Риояи мутаносибӣ дар тасвири композитсия таассуроти беҳаракатиро ба вуҷуд меорад. Бинобар ин дар мавриди иҷрои тасвири манзараи дарахт кӯча ва хонаҳои дар ҳар ду канори он мутаносибан ҷойгирифтаро кашидан мумкин нест. Барои мароқовар иҷро намудани амал ашёро дар ҷойи намоён мегузоранд, зеро он асоси композитсия мебошад. Иҷрои ҳар як расм бо хатҳои нозуки ёрирасон оғоз мешавад ва ҳаракати шаклу тарзи ҷойгиршавии предмет бо хати умумӣ шакли аслиро пайваста месозад. Хати фарқшавандаи расм ба таври штрих — яъне хатҳои рах-рах бояд ба анҷом расад.

Барои иҷро намудани амал ва кашидани композитсия метавонед аз расмҳои 1, 2, 3, 4, 5, 6 истифода баред.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАБАРИИ РАНГИ АКВАРЕЛ

Акварел калимаи лотинӣ буда, маънояш об аст. Дар таркиби ин ранг ширеш мавҷуд аст, ки дар об ҳал шуда бо об осон шуста мешавад. Хусусияти асосии расмҳои бо акварел кашидашуда равшан будани ранг аст, ки тобишу хосияти тозагии он дар коғаз намудор мешавад. Роҳҳои гуногуне мавҷуданд, ки хусусиятҳои асосии акварел-шаффофӣ ва ҳамбастагии рангҳоро нигоҳ медоранд.



Расми 1.

Иҷрои ин машқҳо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои рангҳои акварелро пурра омӯзед. Барои он ки коғаз ҳангоми кор кардан каҷ нашавад, онро ба тахтаи махсус ё картони ғафс (бо кнопка) часпонидан лозим аст. Баъд расмро бо хатҳои борик моҳирона кашида, кӯшиш намоед, ки ҷойгиршавии расм дар қоғаз аз ҳама ҷиҳат дилчасп бошад. Хатҳои нолозимро аз расм тоза намоед, бо мӯқалам ва оби тоза рӯйи коғазро шӯед, то хушк шудан мунтазир шавед. Баъд дар табақча ё рангомез (палитра) аз рангҳои равшан тасвирро оғоз намоед ва таносуби рангҳоро ба инобат гирифта, торикиро мувофиқи шакли ҷисм дурахшон намоед. Хоҳед, ки тасвир зебою дилпазир иҷро гардад, ба мутаносибии аслии рангҳо эътибор диҳед. Барои иҷро намудани амал аз расмҳои мавҷуда истифода баред (ба расми 1 нигаред).

# БА НАМУДҲО ВА ЖАНРҲОИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ ШИНОС ШАВЕД

Намудҳои санъати тасвирӣ рассомӣ (живопись), ҳайкалтарошӣ, наққошӣ, меъморӣ, сиёҳқаламӣ (графика) мебошанд.

Жанрҳои он тасвири манзара, чеҳранигорӣ, натюрморт ва ғайраҳо мебошанд.



Санъати рассомӣ (живопись)



Чеҳранигорӣ



Натюрморт



Манзара



Меъморӣ



Ҳайкалтарошӣ



Санъати наққошӣ



Графика

## ШАРҲУ ЭЗОҲИ БАЪЗЕ ИСТИЛОҲОТ

**АКВАРЕЛ** — рангест, ки дар таркиби он ширеш мавҷуд аст. Бо об ба осонӣ шуста мешавад. Хусусияти хоси наққошӣ бо акварел шаффофии ранг аст. Аз тобиши онҳо тозагии ранг намоён мегардад.

**АВТОПОРТРЕТ** — мусаввараеро мегӯянд, ки дар он рассом акси худро тасвир кардааст.

**АППЛИКАЦИЯ** — асари бадеиест, ки бо роҳи ширеш кардан, дӯхтани коғаз ва дигар масолеҳ сохта мешавад.

**АРХИТЕКТУРА** *(меъморӣ ё бинокорӣ)* — ин силсилаи иморату иншоотест, ки барои ҳаёт ва фаъолияти одамон муҳити фазоиро ба шакли муайян медарород. Ба он иморатҳо, майдону хиёбонҳо, боғу варзишгоҳҳо, деҳаву шаҳрҳо дохил мешаванд. Беҳтарин намунаҳои ёдгориҳои меъморӣ манораи Эйфелеви Париж, Тоҷмаҳали Ҳиндустон ва ғайраҳо мебошанд, ки дар тамоми ҷаҳон маълуму машҳуранд.

**АНИМАЛИСТ** *(тасвири ҳайвонот)* — рассомеро меномand, ки дар кашидани расми ҳайвонот мутахассис аст.

**БАТАЛНЫЙ ЖАНР** — расмҳое, ки дар мавзӯи қаҳрамонӣ, ҳарбу зарб бахшида шуда, лаҳзаҳои ҷудогонаи онро инъикос менамояд.

**БАРЕЛЕФ** *(нақши барҷаста)* — дар он шаклу ашёҳои тасвиршаванда ба таври барҷаста инъикос меёбанд.

**БЛИК** *(партав, дурахш)* — ҷойи аз ҳама равшан, баъзан дурахшонии рӯйи ашёи тасвиршаванда.

**ВЫСТАВКА** *(намоишгоҳ)* — намоиши махсуси корҳои эҷодии рассомон, ҳайкалтарошон ва дигар намояндагони аҳли санъати нигорандагӣ мебошад.

**ГРАФИКА** *(сиёҳқалам)* — як навъи санъати тасвирист, ки воситаи асосии тасвири онро расми якранг (рах, доғ, хатча, хати борик, сурат) ташкил мекунад. Тобиши ранг дар он вазифаи дуюмдараҷа дорад. Аз ин ҷост, ки вай соддаву фаҳмост. Графика асосан тасвири китобӣ — ороиши бадеии

китобу маҷаллаҳо, плакат, маркаҳои почта, гравюра (кандакорӣ), литография (чопи сангӣ) ва ғайра мебошад.

**ГАҶ** — санги маъдании махсус, ки онро дар бинокорӣ ба кор мебаранд. Бо он деворҳоро андова намуда, муҷассамаву нақшҳои ороиши қолабиву кандакорӣ низ месозанд.

**ГАММАИ РАНГҲО** — силсилаи тобишҳои мутаносибан пайвастаи ранг аст, ки барои эҷоди асари бадеӣ истифода бурда мешавад.

**ГАЛЕРЕЯ** — номи осорхонаҳои (рассомӣ) бадеиро мегӯянд (галерияи миллӣ ва ғ.).

**ГИЛ** — маъдани кӯҳиест, ки дар кулолгарӣ ба кор меравад.

**ГУАШ** *(ранги обакӣ)* — аз акварел бо он фарқ мекунад, ки омехтаи белил (сафедоб) дошта, хусусияти хуби рангкунӣ дорад. Бо он корҳои ороиширо дар рӯйи коғазу картон ба амал мебароранд. Гуаш шаффоф нест.

**САНЪАТИ ОРОИШИ АМАЛӢ** — ба он либос, мебель, қолину сӯзаниҳо, ҷавоҳирот, бозичаҳо ва дигар ашёҳои маишӣ тааллуқ доранд. Санъати ороишии амалӣ дар ҳамбастагӣ бо олами атроф бештар ба назар мерасад.

**РАНГҲОИ ИЛОВАГӢ** — рангҳо ба сард ва гарм ҷудо мешаванд. Ҳангоми омехтани онҳо рангҳои асосӣ ҳосил мешаванд. Мисол, аз ранги сурх ба воситаи омезиши ранги зард ранги норинҷӣ ҳосил мешавад.

**НАҚҚОШӢ** — як навъи рассомист, ки асарҳояш (офаридаҳояш) тавассути рангҳо рӯйи сатҳе кашида мешаванд. Ранг дар он имкон медиҳад, ки тамоми паҳлӯҳои олами воқеӣ: ҳаҷму ранги ашё, тобишу фазои беканор, табиату инсон ва ҷамъбасти фаъолияти ӯро баён созад. Наққошӣ қолабӣ, бошукӯҳ, монументалӣ ва ороишӣ мешавад.

**ИНТЕРЕР** *(дохил)* — ороиши бадеии меъморӣ, зиннати дохилии бино, мактаб, синф ва ғайра мебошад.

**ИЛЛЮСТРАТСИЯ** *(сурат)* — ҷузъи санъати тасвирӣ аст, ки осори адабиро ба тарзи бадеӣ шарҳ медиҳад. Дастнависҳои нахустин бо миниатюраҳо тасвир шудаанд.

**КОЛОРИТ** *(обуранг, тобиш)* — дар наққошӣ хусусияти ҳамбастагии тамоми ҷузъҳои рангии осор ва сохти рангии вай ҳамчун яке аз воситаҳои тасвири амиқу возеҳи воқеият мебошад.

**КОМПОЗИТСИЯ** *(бандубаст)* — аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, ҷобаҷокунӣ, ташкил, пайвастро мефаҳмонад. Ҳамбастагии унсурҳои асари бадеиест, ки аз он мазмуну мундариҷа ва ғояти асар аниқ мегардад.

**КУНАЛ** *(наққошии сатҳӣ)* — Ба воситаи гил нақша ва ё манзарае кашида мешавад, баъд он ба қабати тунуки зарҳал (тилло) пӯшонида мешавад. Аз рӯйи зарҳалкорӣ сюжети нақш ҷудо карда шуда, ба тарҳи он бошад одатан ранги гулобӣ мерезанд, ки тобиши муайяне ба вуҷуд оварда, ин офаридаро гӯё нурбахш мегардонад.

**ЛЕПКА** *(ҳайкалчасозӣ)* — масолеҳи асосиаш гил, гаҷ ва ё пластилин мебошад.

**МОЗАЙКА** — намуди махсуси наққошӣ аст, ки дар асоси истифодаи масолеҳи сахтсангҳои рангаи табиӣ ва ё шишарезаҳои рангин ва амалҳои рангоранг дар рӯйи гил часпонида мешавад. Дар ороиши деворҳо, барои зиннати асари санъати ороишӣ истифода бурда мешавад.

**НАТЮРМОРТ** — аз калимаи фаронсавӣ гирифта шуда, маънояш асли беҷон аст. Яке аз жанрҳои рассомиву графика мебошад, ки ба тасвири олотҳои маишӣ, рангҳо, меваҷот, паррандаҳо бахшида мешавад.

**ОРНАМЕНТ** *(нақшунигор)* — нақшест, ки дар асоси пайдарҳамии мавзунӣ ва алоқамандии элементҳои гуногун сохта шудааст.

**ПЕРСПЕКТИВА** *(дидани дурӣ)* — он имкон медиҳад, ки дурии фазоро тасвир созем. Қонуниятҳояш дар асоси хусусиятҳои чашм, ки ашёро дар тағйироти ҳаҷмӣ мебинад, сурат гирифтаанд.

**РЕПРОДУКСИЯ** *(нусхаи чопии сурат)* — ба вуҷуд овардани осори бадеӣ бо усули нусхагирӣ ва ё ба воситаи аксбардорӣ.

**ШАБЛОН** — намунае, ки аз рӯйи он чандин шаклҳои якхела мебуранд.

**ШРИФТ** — ҳарф ва ё рақами ороишӣ, ки барои зиннати бадеӣ истифода мешавад.

**ШТРИХ** — хате, ки рассом бо як ҳаракати даст мекашад.

**ЭСТЕТИКА** *(зебоӣ)* — таълимот доир ба зебоӣ ва санъат.

**ЭМБЛЕМА** — ифодаи шартии ягон ғоя ё мафҳум ба воситаи тасвири аёнӣ ё аломати шартӣ. Мисол, кабӯтар рамзи сулҳу амонӣ.

**ЭСКИЗ** *(ангора)* — тарҳи пешакӣ, ки мақсади асари бадеиро муайян мекунад.

# МУНДАРИЧА

## СИНФИ 5

**ДАРСИ 1.** Олами зебо дар асарҳои рассомон ..............................3
**ДАРСИ 2.** Корҳои ороишӣ. Олами ҳайвонот..................................7
**ДАРСИ 3.** Тасвири атрофи мактаб ..............................................8
**ДАРСИ 4.** Композитсия дар мавзӯи ҳунаромӯзӣ .............................9
**ДАРСИ 5.** Тасвири меваю баргҳо (натюрморт) ..............................11
**ДАРСИ 6.** Сохтани муҷассамаҳои паррандагон ..............................12
**ДАРСИ 7.** Тасвири меваҳо ..........................................................14
**ДАРСИ 8.** Ҷамъоварии ҳосил .......................................................15
*Дар вақти холӣ* ...........................................................................16
**ДАРСИ 9.** Манзараи тирамоҳи заррин ..........................................17
**ДАРСИ 10.** Расмкашӣ аз рӯйи нусхаи асл ....................................18
**ДАРСИ 11.** Тасвири чеҳранигорӣ .................................................19
**ДАРСИ 12.** Тасвири паррандагон ................................................19
**ДАРСИ 13.** Шаклсозӣ аз масолеҳи табиӣ .....................................20
**ДАРСИ 14.** Сохтани авиамодел....................................................22
**ДАРСИ 15.** Ороиши графикӣ.........................................................23
**ДАРСИ 16.** Тасвири ангораи (суроби) ороиш ...............................24
**ДАРСИ 17.** Рассоми эҷодкор Мурувват Бекназаров .......................25
**ДАРСИ 18.** Ороиши арчаи солинавӣ..............................................26
**ДАРСИ 19.** Эҷодкорӣ дар мавзӯи зимистон...................................27
*Дар вақти холӣ* ...........................................................................29
**ДАРСИ 20.** Тӯҳфа ба рӯзи Артиши Миллӣ.....................................30
**ДАРСИ 21.** Манзараи баҳор..........................................................31
**ДАРСИ 22.** Кишту кори баҳорӣ ....................................................33
**ДАРСИ 23.** Корҳои ороиши ..........................................................34
**ДАРСИ 24.** Сӯҳроб Қурбонов .......................................................35
**ДАРСИ 25.** Эҷодкорӣ дар мавзӯи чавгонбозӣ ...............................37
**ДАРСИ 26.** Натюрморт. Чойник ва пиёла ......................................38
*Дар вақти холӣ* ...........................................................................39
**ДАРСИ 27.** Корҳои ороишӣ. Кулолгарӣ .........................................40
**ДАРСИ 28.** Тасвири мошинҳо .......................................................42
**ДАРСИ 29.** Гилкорӣ.......................................................................43
**ДАСРИ 30.** Афсона.........................................................................45
**ДАРСИ 31.** Офаридани нақшҳои бадей .........................................46
**ДАРСИ 32.** Натюрморти гулҳои рангоранг.....................................47
**ДАРСИ 33.** Тасвири манзараи деҳа ..............................................48
**ДАРСИ 34.** Рассоми эҷодкор ........................................................49
*Дар вақти холӣ* ...........................................................................51
*Супоришҳои илова* .......................................................................52

## *СИНФИ 6*

**ДАРСИ 1.** Таътили тобистонаи ман ....................................54
**ДАРСИ 2.** Сӯҳбат оид ба санъати нақшу нигор ....................55
**ДАРСИ 3.** Манзараи деҳа....................................................58
**ДАРСИ 4.** Натюрморт аз меваҳо ..........................................59
**ДАРСИ 5.** Тасвири мева ва барг.............................................61
**ДАРСИ 6.** Тасвири тирамоҳи заррин......................................63
*Дар вақти холӣ* ..........................................................................64
**ДАРСИ 7.** Кашидани расм аз рӯйи афсона..............................66
**ДАРСИ 8.** Тарроҳӣ ..................................................................68
**ДАРСИ 9.** Натюрморт аз сабзавот ...........................................69
**ДАРСИ 10.** Санъати тасвирии халқи тоҷик................................71
**ДАРСИ 11.** Тасвир аз асл, дастархони ороста ва инъикоси он.....75
**ДАРСИ 12.** Амали ороишӣ ........................................................77
**ДАРСИ 13.** Офаридани пайкараи паррандагон аз гил.................78
**ДАРСИ 14.** Камолиддини Беҳзод ...............................................80
*Дар вақти холӣ* ..........................................................................84
**ДАРСИ 15.** Тасвири ороиши арчаи солинавӣ..............................86
**ДАРСИ 16.** Тасвир аз асл (паррандагон) ...................................87
**ДАРСИ 17.** Тасвир аз асл (чойник ва пиёла) ..............................88
**ДАРСИ 18.** Тасвир аз асл (асбобҳои дуредгарӣ) .......................89
*Дар вақти холӣ* ..........................................................................90
**ДАРСИ 19.** Гилкорӣ дар мавзӯи варзиш ......................................91
**ДАРСИ 20.** Ороиши нақшу нигори либоси идона ...........................93
**ДАРСИ 21.** Эҷодкорӣ дар мавзӯи кайҳон .......................................94
**ДАРСИ 22.** Аз гил сохтани пайкараи ҳайвонот ..............................95
**ДАРСИ 23.** Композитсия дар мавзӯи Артиши миллӣ .......................96
**ДАРСИ 24.** Сохтани муҷассама аз гил ............................................97
**ДАРСИ 25.** Муҷассамасозӣ ва тарроҳӣ дар ороиши бадеӣ ..............98
**ДАРСИ 26.** Кулолгарӣ.........................................................................100
**ДАРСИ 27.** Шаклсозӣ (модел) ва ороиши он ......................................102
**ДАРСИ 28.** Эҷодкорӣ дар мавзӯи моҳигирӣ ........................................103
*Дар вақти холӣ* .......................................................................................104
**ДАРСИ 29.** Тасвири манзараи баҳор ..................................................106
**ДАРСИ 30.** Тасвири гулҳои баҳорӣ ....................................................107
**ДАРСИ 31.** Тасвири манзараи кӯҳсор .................................................109
**ДАРСИ 32.** Тасвири кӯза ва гул ..........................................................110
**ДАРСИ 33.** Сӯҳбат дар мавзӯи санъати меъморӣ ...............................111
**ДАРСИ 34.** Чеҳраи дӯстон ..................................................................114
*Дар вақти холӣ* .......................................................................................116
**Мавқеи композитсия дар расмкашӣ** ....................................................118
**Тавсияҳо оид ба истифодабарии ранги акварел** ...................................119
**Ба намудҳо ва жанрҳои санъати тасвирӣ шинос шавед** .......................121
**Шарҳу эҳзои баъзе истилоҳот** ..............................................................129







